Бо фармоиши Вазири нақлиёти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 12 » « 02 » соли 2026, № 28
тасдиқ карда шудааст.

**Д А С Т У Р А М А Л И**
мансабии сармутахассиси 1-и шуъбаи таҳлил ва дурнамои иқтисодии Раёсати таҳлил ва дурнамои иқтисодии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Номи мансаб – сармутахассиси 1-и шуъбаи таҳлил ва дурнамои иқтисодии (минбаъд сармутахассиси 1-и шуъба) Раёсати таҳлил ва дурнамои иқтисодии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

1.2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи 5 мансуб аст.

1.3. Сармутахассиси 1-и шуъба аз тарафи Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи талаботи тахассусӣ тибқи тартиби муқараргардида ба мансаб таъин ва озод карда мешавад.

1.4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори Раёсат, муовини сардори Раёсат ва сардори шуъба тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

отформатировано: Шрифт: Times New Roman

1.5. Ба ишғолкунандаи мансаби мазкур мутахассиси пешбар ва мутахассиси шуъба тобеъ ва ҳисобдиҳанда мебошанд.

1.6. Сармутахассиси 1-и шуъба дар мавриди зарурӣ сардори шуъбаро иваз менамояд.

1.7. Сармутахассиси 1-и шуъба бо роҳбарони воҳидҳои сохтории вазорат, сохторҳои ҳудудии он, воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ доир ба самти фаъолияти шуъба ҳамкорӣ менамояд.

## 2. Талаботи тахассусӣ

2.1 Барои ишғолкунандаи мансаби Сармутахассиси 1-и шуъба талаботи тахассусии зерин мукаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олии касбӣ бо ихтисосҳои иқтисодиёти ҷаҳон, менеҷмент, иқтисодиёт ва идора, баҳисобгирии муҳосибавӣ ва аудит, иқтисодиёти самти нақлиёту роҳ ва дигар ихтисосҳои самти иқтисодии ба соҳа наздик);
- 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ;
- донистани забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донишҳои касбӣ, қобилият ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ,

ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ;
- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрвандон ва ҳамкорон;
- малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- малакаи кор бо компютер ва технологияҳои дигари иттилоотӣ;
- дигар талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 3. Ҳуқуқҳо

3.1 Сармутахассиси 1-и шуъба дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

- Дар машваратҳое, ки роҳбарият ва дигар мақомоти давлатӣ мегузаронанд иштирок намояд;
- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба ӯҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;
- дар ҷаласаҳо, конфронсҳо, семинарҳо, мизҳои мудавар ва дар кори гурӯҳҳои корӣ дар доираи супоришҳои роҳбарият ва ваколатҳои хизматӣ иштирок намояд, оид ба тақвияти рушди соҳа пешниҳодҳо намояд.
- ба роҳбари воҳиди сохторӣ дар доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва фаъолияти воҳиди сохторӣ оид ба мукаммал намудани самти кор таклифу пешниҳод намояд.
- дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 4. Уҳдадориҳои мансабӣ

4.1 Уҳдадориҳои мансабии сармутахассиси 1-и шуъба аз инҳо иборат мебошад:

- тартиб ва таҳияи дурнамои иҷтимоию иқтисодии соҳаи комплекси нақлиёт;
- ҳисоботҳои моҳона, семоҳа, нимсола ва солонаро роҷеъ ба соҳаҳои мухталифи комплекси нақлиёт таҳлил ва омода намуда, ба вазорат маълумотҳо тайёр менамояд;
- аз болои муассисаву ташкилотҳои тобеи вазорат дар мавриди саривақтӣ пешниҳод намудани ҳисоботҳои моҳона, семоҳа, нимсола ва солонаро назорат мебарад;
- аз болои муассисаҳои зерсохтори вазорат бо мақсади риоя намудани нақшаҳо, чараёни иҷроиши ӯҳдадориҳои шартномавӣ назорат мебарад;
- ба амал овардани ҳисобу таҳлили нишондиҳандаҳои сифатии фаъолияти истеҳсолию хоҷагии корхонаҳои тобеи вазорат;
- дар мавриди зарурӣ иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сари вакт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ

барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистон (ҳарсола);

- дар санҷишҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа иштирок мекунад ва аз натиҷаи санҷиш ҳисобот манзур менамояд;
- муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, ҷавоб омода намояд.
- мактубҳо, супоришҳои протоколии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самти меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳоли, тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, идораи замин ва геодезӣ, сармоягузорӣ ва амволи давлатӣ, саноат ва технологияи нав, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, андоз ва гумрукӣ, инчунин мактубҳои вазорату идораҳо ва кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, оид ба дархости онҳо маълумот ва хулоса пешниҳод менамояд.
- гузаронидани таҳлили иқтисодӣ ва таҳияи дурнамои соҳаҳои наклиётӣ, пешниҳоди хулосаҳо ва маълумоти ҷамъбастӣ;
- дониш ва малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ ва санадҳои меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ дар соҳаи наклиёт;

- назорати мӯҳлати иҷроиши супоришҳои сардор ва муовини раёсат, сардори шуъбаи таҳлил ва дурнамо.
- дигар уҳдадории муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 5. Масъулият

5.1 Сармутахассиси 1-и шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, ки дар дастурамали мансабӣ пешбинӣ шудаанд;
- риоя накардани мавҷудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» муқаррар намудаанд;
- барои риоя накардани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим”;
- барои риоя накардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамали одоби касбии кормандони соҳаи наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;
- барои риоя накардани муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2025, №355 “Дар бораи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигари давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва сирри дигаре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

- барои риоя накардани интизоми меҳнатӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

- барои пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молу мулкии хизматчии давлатии маъмурӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;

- барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва ё вайрон намудани моликияти давлатии вобастакардашуда;

- дигар масъулияти муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

6.1 Дастурамалҳои мансабӣ дар як нусхаи аслӣ тартиб дода мешаванд. Нусхаи аслии дастурамалҳои мансабӣ баъди тасдиқ дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта мешавад. Хадамоти кадрӣ баъди гирифтани имзо ва нишон додани ному насаб ва сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ нусхаи дастурамалро барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ ба хизматчии давлатии маъмурӣ месупорад.

6.2 Роҳбарони воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ барои истифодаи хизматӣ ба нусхаи электронии дастурамалҳо дар системаи идораи ҳуҷҷатҳо дастрасӣ доранд. Дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳо ба таври худкор Дар системаи мазкур сабт мегардад.

**Мувофиқа шуд:**

Сардори Раёсати таҳлил
ва дурнамои иқтисодӣ _______________ Шокиров П.С

Сардори Шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсус _______________ Ҳодизода К.

Мудири бахши ҳуқуқ _______________ Латиф М

**Шинос шуд:**

Сармутахассиси 1-и шуъба ____________________________.